## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-51 назди факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи “Таъсири гиёҳҳои доруворӣ ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология**

Комиссияи ташхисии шурои диссертатсионии 6D.KOA-051 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати зерин: раис, доктори илмҳои биологӣ Амиршозода Ф.С. ва аъзоёни комиссия - доктори илмҳои кишоварзӣ Қаҳаров Қ.Ҳ. ва номзади илмҳои биологӣ Ташболтаева С.С. бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-051 мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267, бо назардошти тағийру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) ташкил карда шуд.

Комиссия дар асоси шинос шудан бо рисолаи номзадии Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи “Таъсири гиёҳҳои доруворӣ ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиологи ва муҳокимаи он чунин хулоса қабул намуд.

Мавзуи диссертатсионии номзадии Шерализода Орзуҷон Зафар актуалӣ мебошад, ки дар он бори аввал таъсири гиёҳҳои доруворӣ ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. То ҳол оид ба ин мавзуъ таҳқиқоти илмӣ ба пуррагӣ гузаронида нашудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Шерализода Орзуҷон Зафар, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 03.03.01 – Физиология, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояти диссертатсия иҷозат дода шудааст.

Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи комиссияи олии аттестатсиони (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 03.03.01- Физиология ва самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия пурра бо мақсад ва вазифаҳои гузошташуда оид ба таъсири гиёҳҳои доруворӣ ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсионии Шерализода О.З. мубраму муҳим буда, ба қобилияти барқароршавӣ, коршоямии варзишгарон ва мутобиқ шудан ба шароити тағирёбандаи раванди тамринҳо бахшида шудааст.

Ҳангоми иҷрои тамрини дарозмуддат дар бадани варзишгарон равандҳои физиологие ба амал меоянд, ки баъдан дар организм осори худро мегузоранд. Чунин равандҳоро мо ҳангоми иҷрои корҳои ҷисмонӣ, ҷараёни тамрин ва мусобиқаҳои варзишӣ мушоҳида мекунем, ки боиси сарфи энергия гардида, баъдан ба коҳиш ёфтани қобилияти амалҳои ҷисмонӣ мегардад. Дар аксарияти ҳолатҳо организм то ҳадди муайян қобилияти мутобиқшавӣ ва барқарор кардани фаъолияти физиологиро амалӣ месозад, вале дар ҳолатҳое ки ин захираҳо тамом шуданд, дар раванди физиологии узвҳо тағйироти амиқ ва халалдоршавӣ ба амал меоянд.

Минбаъд барои барқарор намудан ва ба эътидол овардани фаъолияти организм миқдори зиёди вақт сарф мешавад ва баъзан равандҳои барқароршавӣ аз сабаби тағйироти зараровар дар сохтори узвҳо ё системаи узвҳо ғайриимкон мегардад.

Бо ин мақсад унвонҷӯй аз растаниҳои флораи Тоҷикистон гиёҳҳоеро ба монанди ширинбия, заринреша ва качим интихоб намудааст, ки хусусияти баланди барқароршавӣ, коршоями ва мутобиқкунонандагӣ доранд. Хусусияти муҳимтарини ин гиёҳҳо аз он иборат аст, ки истифодаи тулонии онҳо ба организм зарар нарасонида, дар навбати худ, мутобиқатшавии организмро ба шароитҳои номусоиди табиӣ таъмин мекунанд. Аз ин ҷиҳат рисолаи номзадии Шерализода О.З. барои тибби варзишӣ ва варзишгарони касбӣ актуали мебошад, зеро дар он бори аввал босуръат барқароршавии қобилияти коршоямии варзишгарон дар зери шарбатҳои омоданамуда аз гиёҳҳои Ватанӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Мақсади таҳқиқот;** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ коркард ва ба таври илмӣ асоснок кардани истифодаи мутобиқкунандаҳои набототӣ дар мисоли заринреша, ширинбия, качим ва таъсири он ба организми варзишгарони намуди гӯштингирӣ ҳангоми тамрин ва тайёрӣ ба мусобиқаҳои варзишӣ мебошад.

Навгониҳои илмии тадқиқот. Зери таъсири қиёми решаи ширинбия, заринреша ва качим, нишондодҳои системаи нафаскашӣ, дил ва рагҳои хунгард баланд гардида, ҳангоми сарбории ҷисмонӣ қобилияти қоршоямии фаъолияти физиологии мушакҳо беҳтар гардонида мешавад.

Бори аввал унвонҷӯ исбот намуд, ки пас аз истеъмоли шарбати ширинбия, заринреша ва качим дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ миқдори эритроситҳо ва консентратсияи гемоглобин баланд гардида,

миқдори лейкоситҳо ва фаъолияти фагоситарии ҳуҷайраҳо барқарор мешавад.

Дар зери таъсири шарбати растаниҳои мазкур пас аз сарбории ҷисмонӣ миқдори глюкоза, чарбҳо кам гардида, миқдори сафедаҳо зиёд мегардад. Дар зери таъсири шарбати растаниҳои ширинбия, заринреша ва качим фаъолнокии ферментҳо барқарор гардида, қобилияти энергетикии мушакҳо беҳтар мешавад.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Нахустин маротиба дар таҳқиқоти диссертатсионӣ хусусиятҳои мутобиқкунандаҳои набототӣ омӯхташуда, муайян гардид, ки истеъмоли шарбати растаниҳои мазкур ҳангоми тамрин ва сарбории ҷисмонӣ дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ, хусусияти барқароршавии нишондодҳои физиологиро беҳтар намуда, қобилияти коршоямии мушакҳои варзишгаронро ба шароити тағйирёбандаи мусобиқаҳо мутобиқ мегардонад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Диссертант шахсан дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, аз он ҷумла, ҷамъоварии решаи растаниҳо, гузаронидани таҷрибаҳои лабораторӣ, ҷамъбасти маълумоти сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ таҳлилу коркарди маълумотҳои бадастомада саҳмгузор аст. Коркарди оморӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маълумотҳои бадастовардашуда, навиштани мақолаҳо ва таҳияи кори диссертатсионӣ аз ҷониби муҳаққиқ мустақилона иҷро шудааст.

Оид ба мукамал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб аз 15–мақола, аз ҷумла 9 – мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 – мақолаи илмие, ки дар маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия пурра ба талаботи пешниҳодгардида ҷавобгуй мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Унвонҷӯ оид ба истифодаи шарбатҳои ширинбия, заринреша ва качим чунин тавсияҳо пешниҳод кардааст. Шарбатҳои мутобиқкунандаи набототӣ, ки аз гиёҳҳои флораи Тоҷикистон бо истифода аз технологияи муосири фармакопия тайёр кардашуда муддати дуру дароз таркиби физикӣ, химиявӣ ва биологии худро нигоҳ медорад ва барои истеъмол осон мебошад. Дар байни шарбатҳои омӯхташаванда шарбати качим аз ҳама зиёдтар таъсири мутобиқкунандагӣ, барқароркунандагӣ зоҳир намуд.

Баъди тайёр намудани ҳуҷҷатҳои лозима барои кумитаи фармакологӣ истеъсоли шарбати заринреша ва качимро ҳамчун маводи иловагии ғизоӣ барои варзишгарони соҳаҳои гуногун истеҳсол ва тавсия дода мешавад.

**Навгониҳои илмиии** ба даст омадаи унвонҷӯ аввалин маротиба исбот намудааст, ки дар зери таъсири шарбати решаи ширинбия, заринреша ва качим, нишондодҳои системаи нафаскашӣ, дил ва рагҳои хунгард баланд гардида, ҳангоми сарбории ҷисмонӣ қобилияти қоршоямии фаъолияти физиологии мушакҳо беҳтар гардонида мешавад.

Бори нахуст муайян карда шуд, ки пас аз истеъмоли шарбати ширинбия, заринреша ва качим дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ миқдори эритроситҳо ва консентратсияи гемоглобин баланд гардида, миқдори лейкоситҳо ва фаъолияти фагоситарии ҳуҷайраҳо барқарор мешавад. Дар зери таъсири шарбати растаниҳои мазкур пас аз сарбории ҷисмонӣ миқдори глюкоза, чарбҳо кам гардида, миқдори сафедаҳо зиёд мегардад. Дар зери таъсири шарбати растаниҳои ширинбия, заринреша ва качим фаъолнокии ферментҳо барқарор гардида, қобилияти энергетикии мушакҳо беҳтар мешавад. Дар натиҷа унвонҷӯ Шерализода О.З. дар сатҳи баланди илмӣ вазифаҳои дар пеш гузоштаи худро иҷро намуда, натиҷаҳои аз нигоҳи илмӣ ва амали асоснок ба даст овардааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии бадастомада бо истифодаи усулҳои муосири физиологӣ ва таҷҳизотҳои муосир, таҳлили натиҷаҳо тасдиқ карда мешаванд. Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардашуда боэътимод буда, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд. Натиҷаҳои дар диссертатсия дарҷ гардида дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ гузориш ва муҳокима карда шудаанд.

Комиссияи экспертии дисертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи “Таъсири гиёҳҳои доруворӣ ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 тартиб додани дараҷаи илмӣ.

**ҚАРОР КАРД**

1.Диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи «Таъсири гиёҳҳои доруворӣ ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-51 дар назди факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шавад

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – тадқиқотиашон, ба ихтисоси 03.03.01 – Физиология мувофиқат доранд ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд.

- Табариён Баҳром Сафар – доктори илмҳои тиб, профессор, директори Пажуҳишгоҳи тибби бунёдии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи А.Сино;

- Устоев Беҳзод Раҳимҷонович – номзади илмҳои биологӣ, муаллими калони кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонот ба номи академик Х.М.Сафаров, факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи таълимии ғайридавлатии Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100) ва ирсол гардонидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои биологӣ,
ноиби Президенти Академияи
илмҳои кишоварзии Тоҷикистон — Амиршозода Ф.С.

Аъзоёни комиссия:
доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессори кафедраи ҳифз
ва карантини растаниҳои
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур — Қаҳаров Қ.Ҳ.

номзади илмҳои биологӣ,
мудири кафедраи ташхиси
лабараторӣи клиникӣ ва
биохимиявии ДТБКСТ
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ташболтаева С.С.

«18» 10 соли 2025.